Ба андозае, ки ҳайзат тӯл мекашад, мунтазир бимон, сипас ғусл бикун

Аз модари муъминон Оиша (разияллоҳу анҳо) ривоят аст, ки гуфт: Умми Ҳабиба бинти Ҷаҳш, ки ҳамсари Абдурраҳмон ибни Авф буд, аз баромадани хун дар назди Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) шикоят кард. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Ба андозае, ки ҳайзат тӯл мекашад, мунтазир бимон, сипас ғусл бикун". Ӯ дар вақти ҳар намоз ғусл мекард.

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Яке аз занони саҳоба аз идомаи баромадани хун баъд аз пок шудан аз ҳайз ба Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) шикоят кард. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ӯро амр кард, ки ба ҳамон андозае, ки ҳайзи ӯ пеш аз ҳолате, ки барояш пеш омадааст, давом мекард, сабр кунад ва намоз нагузорад, сипас ғусл кунад ва намозро ба ҷой биёварад ва ӯ барои истиҳбоб барои ҳар намоз ғусл мекард.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/10015